# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046
дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» оид ба кори диссертатсионии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ)

**Парвандаи аттестатсионии №____**
Қарори Шӯрои диссертатсионӣ
аз “19” июни соли 2023, №7

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ ҚАҲОРОВА СУПАРНА ХУҶАМУРОДОВНА, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 13.00.08 – НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ТАҲСИЛОТИ КАСБӢ (13.00.08.01 – НАЗАРИЯ ВА МЕТОДИКАИ ФАНҲОИ ДАҚИҚ)**

Диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ) дар ҳукми дастнавис барои ҳимоя санаи 06.04.2023 сол, суратмаҷлиси №16 аз ҷониби Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» воқеъ дар суроғаи 735700, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1) ба ҳимоя қабул карда шудааст. (Фармоиши КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №124 аз 8 апрели соли 2022).

Мавзӯи кори диссертатсионии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар маҷлиси Шӯрои олимони МДТ “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” тасдиқ шудааст. (Протоколи №12 аз 31.05. 2018с.). Диссертатсия дар маҷлиси васеи Шӯрои олимони факултети таҳсилоти ибтидоӣ ва педагогикаи махсуси МДТ “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба ҳимоя тавсия гардидааст (суратмаҷлиси №11 аз 24.06.2022с.)
**Роҳбари илмӣ:** Шаропов Шавкат Аҳмадович – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров»

## МУҚАРРИЗОНИ РАСМӢ:

**Сатторов Абдурасул Эшбекович** – узви Шӯро, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи алгебра ва геометрияи «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

**Азимова Назира Самадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои риёзӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

## МУАССИСАИ ПЕШБАР:

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** дар тақризи худ аз 31.05.2023, суратмаҷлиси № 28/2, ки онро мураттиби тақриз - эксперт – н.и.п., дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ Мансурова Ҷ. С. имзо карда, ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктори илмҳои таърих, профессор Ибодуллозода А.И.тасдиқ карда, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, қайд намудааст, ки дар шароити имрӯзаи рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифаи асосии низоми таҳсилот тарбияи шахсияти соҳибсаводи зудҳаракате мебошад, ки барои мустақилона ба даст овардани донишҳои назариявӣ ва азхудкунии маҳорати амалӣ қобилият дорад.

Дар марҳалаи муосири низоми таҳсилот яке аз мушкилоти мубрами навсозии мундариҷаи таълим ин гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ мебошад, ки ба навсозии мундариҷаи таълим дар соҳаи риёзиёт равона карда шудаанд.

Бо назардошти аҳамияти ин муаммо ва тақвият бахшидан ба неруи зеҳнии ҷомеа Ҳукумати мамлакат солҳои 2020–2040 – ро бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон намуда, инчунин, ҷиҳати амалисозии ин иқдом доир ба гузаронидани озмуни ҳарсолаи “Илм – фурӯғи маърифат” қарор қабул кард. Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда ин ташаккул додани ҷаҳонбинии илмии ҷомеа, рушди шавқи маърифатии ҷавонон ва тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва хусусан, ҷалб намудани ҷавонон ба ихтироъкорӣ ва навоварӣ ба шумор меравад.

Дар шароити муосир педагоге зарур аст, ки эҷодкорона андеша меронад ва босалоҳият аст, барои амалӣ кардани фаъолияти касбии гуногунҷиҳат, густурда ва иҷтимоӣ қобилият дорад; хушодоб ва дорои ҳисси эмпатия буда, дар муносибат бо кӯдак ва наврас таҳаммулпазир аст; ба худ хос будани хислат ва мухторияти нисбии худинкишофи ӯро дарк менамояд; дорои маҳорати таъмин кардани муоширати дохилигурӯҳӣ ва байнигурӯҳӣ, ҳалли низоъ дар коллективи бачагон аст; ҳамеша барои худинкишоф кӯшиш намуда, шавқи бачагон ва ҳамкоронро ҳамчун шахсияти ҳадафманд ва боғайрат бедор месозад.

Натиҷа ва нуктаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Рисолаи илмии Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна кори тадқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома "Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 –юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертант аз рӯи мавзӯи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ интишор намудааст, ки аз он 5 мақола дар нашрияҳои тақризии бонуфузи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия тавсияшуда ба табъ расидааст.

Интишороти муҳимтарини муаллиф доир ба мавзӯи тадқиқшаванда:

[1 – М]. **Кахорова С.Х.,** Аликулова Ш. Педагогическая культура учителя как важный фактор профессиональной компетентности. Вестник ТНУ. №5. 2019. Часть 2. – С.221 – 225. ISSN 2074 – 1847

[2 – М]. **Кахорова С.Х.,** Имомова М.А. Фаъолияти эҷодии маърифатӣ ҳамчун омили муҳими рушди шахсияти хонанда. Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. №1(29),2020.– С.132 – 135. ISSN 2617 – 5620

[3 – М]. **Кахорова С.Х.,** Имомова М.А. Имкониятҳои китоби дарсӣ дар бедор кардани шавқи хонандагон ба дониш. Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. №4(32). 2020. - С.73–77. ISSN 2617 – 5320

[4 – М]. **Кахорова С.Х.** Педагогические и методические подходы к развитию познавательного интереса школьников. Вестник ТНУ 2022. №4 – С.139 – 145. ISSN 2074 – 1847

[5 – М]. **Кахорова С.Х.** Педагогическая позиция учителя в совершенствовании развития познавательного интереса учащихся в учебном процессе. Вестник ТНУ.2022.– №5.– С. 204 – 211. ISSN 2074 – 1847

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо** аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:

**Тақризи 1.** Аз номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи педагогикаи МДТ "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" **Қурбонов Файзалӣ Асадуллоевич**

**Тақризи 2.** Аз номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математикаи олӣ ва информатикаи Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон **Туев Шоҳин Шоевич**

**Тақризи 3.** Аз номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математикаи олӣ ва физикаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи Техникии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд ба номи М.С.Осимӣ **Раҳимов Амон Акпарович**

**Тақризи 4.** Аз номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишкадавии фанҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии Донишкадаи илмҳои дақиқ ва технологияи Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Абдусамадова Мунира Абдуғафоровна**

**Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар** дар асоси қарори Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-046 аз «6» апрели соли 2023, №16 мувофиқи талаботи Низомнома "Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст асоснок гардидааст.

**Тибқи натиҷаи ҳимояи кушод шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи унвонҷӯ корҳои зерин иҷро шудаанд:**

– раванди омодагии омӯзгорони оянда ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон аз ҷиҳати назариявӣ коркард шуда, тарҳи амал кардани он нишон дода шудааст;

– мафҳуми «шавқи маърифатӣ» дақиқ гардида, аз ҷиҳати мундариҷа пурра шудааст;

– сохтори омодагии донишҷӯ ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон дар шакли маҷмӯи ҷузъҳои томи бо ҳам алоқаманд (ангезавӣ, назариявӣ, амалӣ, рефлексивӣ) пурра гардида, аз ҷиҳати мундариҷа такмил ёфт;

– амсилаи омодагии омӯзгори оянда ба инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон ҳамчун тарҳрезии илмӣ – назариявии омодагии донишҷӯ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва ҷорӣ гардид, ки аз ҷузъҳои мақсаднокӣ, методологӣ, мундариҷавӣ – протсессуалӣ ва меъёрӣ – ташхисӣ иборат аст;

– имконияти педагогӣ ва меъёрҳое муқаррар шудаанд, ки ба омодагии донишҷӯён барои инкишофи шавқи маърифатии мактаббачагон мусоидат мекунанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок шудааст, ки дар он:**

-асарҳои ба қонуниятҳои педагогии ташкили раванди таълим ва маърифатнокии хонандагон бахшидашуда; корҳои таҳқиқотӣ оид ба асосҳои педагогии низоми раванди маърифатии хонандагон, ташаккул ва рушди раванди донишазхудкунии хонандагон дар раванди машғулиятҳои таълимӣ; манбаъҳо ва интишороти илмии марбут ба инкишофи шавқу рағбати маърифатии хонандагон дар давраи таҳсилоти мактабӣ, пойгоҳи манбаъҳо дар чаҳорчӯбаи таҳқиқоти масъалаҳои афзалиятноки ташаккули маърифати хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ ва масоили коркарди равияҳои нави ташкили раванди таҳсилот ташкил медиҳад.

**Боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот:** таҳлили адабиёти психологию педагогӣ ва илмӣ-методӣ оид ба муаммои ташаккули шавқи маърифатӣ; таҳлилу ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами омӯзгорони мактабҳои миёна ва муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ; таҳлили

барномаҳо, китобҳои дарсӣ ва дастурҳои таълим оид ба курси математикаи мактаби миёна ва методикаи таълими математика; анкетагирӣ аз донишҷӯён, омӯзгорон ва хонандагон, суҳбат бо онҳо; гузаронидани озмоиши педагогӣ.

**Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки** маълумоте, ки дар рафти таҳқиқот оид ба амалисозии омодагии омӯзгорони ояндаи математика ба даст омаданд, метавонанд дар донишгоҳҳо, аз ҷумла, педагогӣ, институтҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ҷиҳати фаъолияти самаранок оид ба баланд бардоштани сатҳи маҳорати педагогии омӯзгорони математика истифода шаванд, ҳамчунин омӯзгорон дар фаъолияти ҳаррӯзаи амалӣ метавонанд методикаи ташхиси шавқи маърифатии мактаббачагон ба математика ва тавсияҳои аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи роҳбарии педагогии раванди мазкурро ба кор баранд.

**Саҳми шахсии диссертант:** дар иштирок кардани ӯ дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, таҳияи сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ ва муназзам намудани маълумоти озмоишӣ ва коркарди онҳо, таҳлили натиҷаҳои коркарди маълумоти озмоишӣ, омода ва интишор кардани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар ҳамоишҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот ва навиштани диссертатсия инъикос меёбад.

Масъалаҳои асосии ҳадафҳои таҳқиқот: аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан, коркард ва санҷиши озмоишии методҳо, шаклҳо ва мундариҷаи омодагии донишҷӯён ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мувофиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ дар ҳайати 9 нафар, аз онҳо 7 нафар доктори илм, мутахассисон аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар, чунин натиҷагирӣ шуд:

тарафдори додани дараҷаи илмӣ – 9 нафар,

муқобили додани дараҷаи илмӣ – нест,

бюллетенҳои беэътибор – нест.

Шӯрои диссертатсионӣ дар маҷлиси худ аз санаи 19 июни соли 2023 ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомнома “Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 30–юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ мебошад ва дар ин замина

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дар мавзӯи «Имконияти педагогии омодагии донишҷӯёни донишгоҳҳои педагогӣ ба инкишофи шавқи маърифатии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан мутобиқ мебошад ва дар асоси овоздиҳии пинҳонии аъзоёни Шӯро ("тарафдор"-9 нафар, "зид"-нест, "бюллетенҳои бекоршуда"-нест), ба Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

2. Хулоса ва қарори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-046 дар назди МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" дар мувофиқа бо Низомнома "Оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ»-и КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30–юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, тасдиқ карда шавад.

3. Аз КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки хулосаи Шӯроро тасдиқ намояд ва ба Қаҳорова Супарна Хуҷамуродовна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионии**
**6D КОА 046 - и назди МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**
**д.и.п., профессор** **Азизов А.А.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионии**
**6D КОА 046 - и назди МДТ**
**"Донишгоҳи давлатии Хуҷанд**
**ба номи академик Бобоҷон Ғафуров"**
**д.и.п., дотсент** **Абдуллоева М.А.**

**19.06.2023 с.**

***Имзои А.А.Азизов ва М.А. Абдуллоеваро***
***тасдиқ мекунам.Сардори РК ва КМ МДТ***
***"ДДХ ба номи академи Бобоҷон Ғафуров"*** ***Наврӯзов Э.М.***